ТДУ 664.1:663.63

# ИМКОНИЯТҲОИ ИСТЕҲСОЛИ ШАКАР ВА МАҲСУЛОТИ ИЛОВГӢ АЗ ЛАБЛАБУИ ҚАНД

**Рустамҷони С.Қ.[1], Ашуров И.С.[2], Шукуров А.Р. [1], Иброҳимзода И.Ш. [1], Шукуров А.Р. [1]**
[1]Дангаринский государственный университет
[2]Российско-Таджикский (Славянский) университет

**Калимаҳои асосӣ:** *шакар, ашёи хом, лаблабуи қанд, истеҳсол, истеъмоли шакар, вори-дот, содирот, воридотивазкунанда, хӯроки чорво, шакари нимтайёр, коркард, логистика.*

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти истеҳсол намудани маҳсулотҳои хурокворӣ зиёд мебошад, махсусан он маҳсулоте, ки аз хориҷи кишвар ворид мегарданд. Дар қатори онҳо ҳамчун маҳсулоти асоси ва ниёзи аввалаи мардум шакар ҷои махсусро ишғол мекунад. Мусаллам аст, ки истеҳсоли шакар асосан аз истифодабарии лаблабуи қанд ва найшакар гирифта мешавад ва ҳамзамон дар мутаносибаи ашёи дигар, яъне ҳамчун шакари нимтайёр низ ба роҳ мондан имконпазир аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд васеъ мебошад. Аммо ҳар чи қадар лаблабуи қанд (яъне бе дарназардошти шакари нимтайёр бисёр истифода карда шавад), ҳамон қадар самаранокии корхонаи истеҳсоли шакар калон мешавад. Яъне агар дар корхонаҳои махсусгардонидашудаи истеҳсоли шакар 100% лаблабуи қанд ҳамчун ашёи хом истифода шавад, самаранокии он аз ҳама баланд хоҳад шуд. Асосан аз нигоҳи ранг ва истеъмолияшон се намуди лаблабуро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

- лаблабуи хӯроки чорво (ранги зард);
- лаблабу барои истифодаи хӯроки инсон (ранги сурх);
- лаблабуи қанд барои истифода дар саноат ҳамчун ашёи хом, аз он ҷумла барои шакар (ранги сафед) (ниг. ба расми1):




**Расм 1. Намудҳои лаблабу.**

Боиси фахр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоқикистон ҳарсеи ин намудҳои лаблабуҳоро кишт карда ҳосили хуб гирифтан мумкин аст. Лаблабуи хӯроки чорво бехмева буда, нисбатан калон ва ранги зардча дорад, вазни зиёд мегирад, аммо қанднокиашон камтар мебошад. Дар таҷрибаҳои солҳои 1985–1990, ки деҳқонони ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Корез гузаронида буданд, лаблабуи хӯроки чорво (кормавая свёкла) то ба 15 кг вазн гирифта буданд (истифодаи он бошад ба чорво тариқи майда кардан истифода мегардиданд).

Дар таҷрибаи гузаронидаи мо дар соли 2014 дар заминҳои назди филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур воқеъ дар ноҳияи Данғара дар як бехи лаблабу то 5кг вазн гирифта буд. Қанднокии лаблабуи хӯрокаи чорво на он қадар зиёд буда, ҳамагӣ 5-10% ташкил медеҳад.

Бояд таъкин намуд, ки дар ратсиони чорво лаблабу ҳарвақта набуда, мувофиқи ҷадвали махсус пешбинӣ карда мешавад, зеро ки ин хурока дар меъдаи ҳайвон зуд турш (бражени) мегардад ва барои саломатии чорво хатарнок аст.

Лаблабу барои хӯроки инсон асосан ранги сурх дошта, вазни аз 0,5 то 1,5 кг шуда метавонад ва дар истеъмолоти ҳаррӯзаи мардумҳои бештари давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад. Аз он хӯришҳои ҳархела, хӯрокҳо ва шарбатҳои гуногун тайёр карда мешавад, ки барои саломатии инсон фоидаовар мебошад.

Дар энсиклопедияи калони тибби халқӣ оид ба фоиданокии лаблабу барои саломатии инсон омада аст [2.с. 470]. Афшураашро барои бемориҳои хунукзадагон, анимия, бемориҳои шуш, ангена, захмҳо ва сӯхта муолиҷаи хуб мебошад. Хусусиятҳои зерини дигари фоидаоварии лаблабуи қандиро дар илми ҳозираи тиб низ васеъ омӯхтаанд:

- барои паст кардани фишори хун ( давления). Ташхисҳои олимон нишон медиҳад, ки дар таркиби лаблабуи қанд моддаи нитрат мавҷуд аст, ки рагҳои хунгардро васеъ карда, фишори хунро паст мекунад.
- устухонҳои баданро мустаҳкам мекунад. Дар таркиби лаблабуи қанд маҷмӯи минералҳое мавҷуд аст (калсий, фосфор, магний, фоливея кислота, витамин С), ки устухонҳои баданро мустаҳкам намуда, имконияти зиёдкунии калсий дар устухонҳоро медиҳад.
- табиатан дар таркибаш антиоксидантҳо дорад. Антиоксидантҳо дар организм ҳолати муътадилии баданро барқарор мекунанд. Инчунин организмро аз моддаҳои заҳролуд тоза менамояд. Олимони ҷаҳон исбот намудаанд, ки пешгирии бемории рак (опухни рак) ва даво барои ин дард антиоксидантҳо мебошанд, ки дар таркиби лаблабуи қанд бениҳоят зиёд мебошад.
- бофтаҳоро барқарор менамоянд. Бофта дар организми инсоният роли асосиро мебозад.
- фоидаоварӣ барои бемориҳои қанд ( сахарный диабет). Баландравии қандро дар организм суст менамояд. Дар давоми рӯз барои одами бемории қанддошта хело ҳолаташонро хуб менамояд. Барои ин беморон маслиҳат дода мешавад, ки дар як рӯз се бор соки онро бинӯшанд.
- ҷараёни сармозаниро пешгирӣ мекунад ва фоидабахш мебошад. Лаблабуи қанд дар худ моддаҳоеро дорад, ки ба муқобили моддаҳои заҳрнок (бактерияҳо, вирусҳо, захрҳо ва химикатҳои нолозим) мубориза мебарад. Дар ин беморӣ ин маҳсулот доруи асосӣ ба шумор меравад.
- муҳофизат аз рак. Дар худ наххое дорад, ки дар вақти пухтан нобуд намешавад, ки ин ба саломатӣ фоидаи бениҳоят зиёд дорад.

Лаблабуро дар соҳаи фармакологӣ ва фарматечискӣ ё дар соҳаи косметика низ дар шароити имрӯз васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ дар тиби халқӣ ва тиби имрӯза тавсия дода мешавад, ки ба таври васеъ истифода бурда шавад. Аз инҷо бар меояд, ки дар ҳолати ба роҳ мондани ин фаъолият тамоми ин самтҳое, ки дар боло зикр гардиданд фаъол мегарданд, ки боиси беҳтар гардидани самти иҷтимои мардум мегардад.

Лаблабуи қанд бештар ранги сафеди зардча буда, дарозшакл мешавад ва дорои қанди зиёд аст. Бештар давраи қандғункунияш дар лаҳзаи хушк шудани баргҳои болои он мебошад, ки дар ин маврид то 18-20 % қанд ғун мекунад. Аниқтараш қандгирии лаблабуи қанд аз охирҳои фасли тобистон оғоз гардида то охирҳои тирамоҳ тӯл мекашад. Чунки лӯндаи лаблабуи қанд ва қандгирии он дар салқин гардидани ҳаво зидёд мегардад. [5, с. 132].






**Расми 2. Маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ аз коркарди лаблабуи қанд**
**Сарчашма**: *худи муалиф дар асоси адабиёти истифодашуда*

Дар ҳолати умум аз лаблабуи қанд маҳсулотҳои зерини арзишҳои истеъмолии муайян дошта нирифтан мумкин аст (ниг. ба рисми 2.).

1. Дорои аз 15 то 22% ширини аст ва аз он 15-17% шакар гирифтан имконпазир мебошад;
1.1. Истеҳсоли шакари тайёр;
1.2. Истеҳсоли шакари нимтайёр;

Аз ҷадвали овардашуда маълум мегардад, ки аз лаблабуи қанд натанҳо маҳсулоти асосии ниёзи мардум, яъне шакар инчунин аз он маҳсулотҳои иловагӣ низ гирифтан имкон дорад. Ин метавонад манбаи даромади иловагӣ барои корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд гардад. Инчунин маҳсулоти иловагӣ имкон медиҳад, ки дигар корхонаҳои коркарди маҳсулоти иловагӣ ташкил гардад.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар вилояти Хатлон лаблабуи қанди дорои хосиятҳои номбаршуда кошта, хосили баланд рӯёнидан мумкин аст. Таҷрибаҳое, ки дар ноҳияҳои вилояти Хатлон (ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Фархор, Темурмалик, Вахш ва ғайра) аз тарафи кишоварзон якҷоягии бо мутахассисони ҶСП "FARM-TEX" (нақшаи сохтани заводи истеҳсоли шакар дорад), воқеъ дар ноҳияи Данғара, гузаронида шуданд маълум гардид, ки аз ҳар як гектари зироатии лаблабуи қанд имконияти то 50 тонна ҳосол гирифтан мумкин аст, ки дар шароити мо ин лаблабу дорои 18 % - и қанднокӣ мебошад, ки бо баҳодеҳии мутахассисон нисбати лаблабуи қанди дар дигар кишварҳо кишт шуда як дараҷа балан аст . Шароити иқлимӣ ва географии Тоҷикистан имконият фароҳам меорад, ки заводи шакарро дар давоми шаш моҳ бо ашёи маҳаллӣ, яъне бо лаблабуи қанд қанд таъмин карда шавад. Дар корхонаи истеҳсолии шакар аз лаблабуи қанд 630 000 тонна бо ҳосилнокии 50 тонна /га, ки барои истеҳсоли ин миқдор лаблабуи қанд 12 600 га майдон лозим аст. Чунин миқдор заминро аз як ноҳия гирифтан имконнопазир буда, онро метавон аз ҳисоби якчанд ноҳия ба роҳ монда шавад.

Чӣ хеле дар боло зикр гардида буд, завод бо иқтидори миёна истеҳсоли 500 тонна шакар ё ин, ки коркарди 3 500 тонна коркарди лаблабуи қанд (дар натиҷа 500 тонна шакар ҳосил мегардад) дар як шабонарӯз ба амал бароварда метавонад. Яъне, ки дар ҳолати фаъолияти корхонаи истеҳсоли шакар дар муддати 180 рӯз бо истифодаи лаблабуи қанд дар як сол ашёи хом – лаблабуи қанд 630 000 тонна лозим мешавад (дар боқимондаи рӯзҳои сол корхона бо ашёи хоми дигар – шакари нимтайёри воридотӣ фаъолият карда метавонад).

Таҳлил ва ҳисоботҳои пешаки нишон доданд, ки миқдори лозимаи лаблабуи қанди дар боло зикр шуда (барои як заводи миёна) дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 -13 ҳазор гектар замини обӣ гирифтан мумкин аст. Барои фаъолияти пурраи солонаи заводи истеҳсоли шакар, чи тавре, ки таъкид карда шуд ашёи хоми дигар – шакари нимтайёр аз Ҳиндустон ва ё аз Покистон дастрас намудан мумкин аст. Чунки ин давлатҳо на танҳо фуруши шакари тайёрро ба роҳ мондаанд, инчунин фуруши шакари нимтайёрро низ дар бозори ҷаҳони ба роҳ монда шудаанд (масалан корхонаҳои коркарди шакари Ҷумҳурии Узбекистон пурра аз ҳисоби шакари нимтайр мебошанд).

Гуфтан ҷоиз аст, ки барои истеҳсол намудани миқдорӣ лаблабуи лозима дар як ноҳия не, балки дар якчанд ноҳия хусусн аз ҳисоби кам кардани заминҳои истеҳсоли хуроки чорво ба роҳ мондан мумкин аст зеро, ки маҳсулоти қисми зиёди лаблабуи қанд низ хамчун хӯрокаи чорво равона мешавад. Илова ба он, самаранокии лаблабуи қанд (даромади махсулоти кишту кор мешуда аз як гектар) ) нисбат ба дигар зироатҳо баланд мебошад. ки дар ҷадвал нишон дода шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Зироатҳо ва самаранокии онҳо, (сомонӣ)**

| № | Номгӯи зироатхо | Ҳосилноки аз 1га/т | Харачот ба 1/га. | Нархи онҳо ба1 кг дар бозори фуруш | Арзиш и асли | Даромад | Фоида (бе дарна-зардошти андоз аз фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Лаблабуи қанд | 50 | 12 000 | 0,75 | 0,24 –0,25 | 37 500 | 25 000 |
| 2 | Пахта | 4 | 12 000 | 8 | 2 | 32 000 – | 20 000 |
| 3 | Гандум | 3,5 | 2 800 | 3 – 3,5 | 0,8 | 10 500 -12 250 | 9 500 |
| 4 | Ҷав | 3 | 2 000 | 3 | 0,8 | 9 000 | 7 000 |
| 5 | Шоли | 4 | 7 000 | 8 | 1,25 | 32 000 | 25 000 |
| 6 | Картошка | 18 | 14 000 | 2,3 | 0,77 | 41 400 | 27 000 |
| 7 | Ҷуворимакка барои дон | 2 | 2 000 | 4 | 1 | 8 000 | 6 000 |

***Сарчашма: ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси таҷрибаи деҳқонону кишоварзонӣ хоҷагии деҳқонии Қаноати калхози Каленини ҷамоати деҳоти Тути ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон бо иштироки унвнҷӯ омода карда шуда аст (нархҳои махсулот ба съанаи 01.01.2020 с.).***

Таҳлилҳои нишондодҳои дар ҷадвали 1 овардашуда ба ин он ишора карданд, ки барои хоҷагихои деҳқонии лаблабукор танҳо дар ҳолати нархи лаблбӯи қанд барои 1 кг аз 68 дирам зиёд будан, фоиданоктар (нисбат ба дигар зироатҳо, масалан аз сули) мебашад. Бо дарназардошти он, ки нархи истеҳсоли худӣ дар бозори истеъмолии дохила аз нархи воридотии ҳамин маҳсулот бояд ба дараҷа кам бошад, барои корхонаи шакаристеҳ-солкунанда нархи лаблабуи қанд, ҳамчун ашёи хом на бояд аз 80 дирам зиёд бошад, дар ҳалати баръакс арзиши шакар зиёд шуда, фурӯши он дар бозори истеъмолии дохила мушкил мегардад. Ин мулоҳизаҳо бо дарки он оварда шуданд, ки нархи маҳсулоти алоҳидаи дар ҷадвал овардашуда дар бозори истеъмолии дохила аз ҳаҷми пешниҳоди ин маҳсулот вобастагии қавӣ доранд, вале чӣ тавре, ки мушоҳидаҳои нархи молҳои истеъмолӣ дар солҳои охир нишон доданд, нархи молҳои алоҳида (ба монанди шакар, гӯшт, равған, орд ва ғайраҳо) рӯз аз рӯз баланд гардида истодааст.

Бояд таъкид намуд, ки дар шароити вилояти Хатлон самаранокии зироати лаблабуи қанд зиёда 500 сентнер (яъне, зиёда аз 50 тонна) аз як гектар мебошад, ғар аз ин 200 – 250 сентнер (яъне, 20-25 тонна) барги сабз (ин 7 – 8 ҳазор воҳиди хӯрокаро ташкил медиҳад), ё ин ки ҳамчун ғизои сабз барои замини кишт (яъне заминро бо барги лаблабуи қанд чуфт мекунанд). Заминҳои муайянгардида бо ҷудо кардани меъёрҳои он дар минтақаҳои муайян дар ҷадвал нишон дода шудааст. Дар ин ҷадвал нишондиҳандаҳои табиӣ-гиографӣ ва хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти иқлими табиӣ оварда шудааст. Гурӯҳбандии минтақаҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ ва наздикӯҳиро прафессор Муҳаббатов Х. хуб дарҷ кардаанд, ки дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаи иқлимии табии ва захираҳои замин дар минтақаи Кулоб**

| № | Нишондиҳандаҳо | Минтақаҳо: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Кӯҳӣ | Байникӯҳӣ | Наздикӯҳӣ |
| 1. | Баландӣ аз сатҳи бахр, метр | 2600-4000 | 800-2600 | 400 -1600 |
| 2. | Рӯзҳои офтобӣ дар як сол, рӯз | 60 | 226-230 | 222-248 |
| 3. | Рӯзҳои бе бориш, рӯз | 60-90 | 120 | 120 |
| 4. | Давраи вегетационӣ, рӯз. | 120-150 | 150-180 | 120-180 |
| 5. | Иқдори дараҷаи гарми дар давоми сол, бо дараҷа. | 2000 | 2210-4650 | 4300-5350 |
| 6. | Миқдори рӯзҳои боришоти дар давоми сол, мм. | 500-1600 | 650-1000 | 380-650 |
| 7. | Майдонҳои замин га | 329,4 | 416,3 | 224,0 |
| 8 | Заминҳои категорияи кишоварзӣ ҳаз/га | 198,2 | 207,8 | 154,3 |

**Сарчашма: оморӣ минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикисто; Муҳаббатов Х. «Табиат гавҳари инсон» Душанбе, 2018, 319 с.**

Аз ҷадвали 2 муаян мегардад, ки вобаста ба хосиятҳои лаблабуи қанд имконияти ба роҳ мондани лаблабуи қанд дар заминҳои лалмӣ низ буда метавонад. Чунки миқдори лозимаи боришот, махсусан дар заминҳои наздикӯҳи бениҳоят муфид мебошад. Ин минтақаҳо рӯзҳои офтобии давомнок дорад боришот кофӣ мебошад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки самаранокии нишондадашударо дар ноҳияҳои Данғара, Фархор, Восеи вилояти Хатлон ба даст овардан мумкин аст ва барои таъмини фаъолияти як корхонаи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд дар ин се ноҳияи номбаршуда на кам 13 ҳазор гектар замини обӣ лозим меояд.

Баяд таъкид намуд, ки аз заминҳои обии кишти ноҳияҳо барои кишту кори лаблабу қанд зиёда аз 15 % ҷуда намудан имконнопазир аст, зеро, ки ин ҳолат ба истеҳсоли дигар махсулоти хаҷагии қишлоқ таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст (яъне истеҳсоли ин маҳсулот коҳиш ёфтанаш мумкин), ки ин ба афзоиши нархи истеъмолии онҳо оварда мерасонад.

Ду тарафи муҳими ин масъаларо ҷудо менамоем. Якум, кишту кори лаблабуи қанди зарурӣ дар заминҳои ҷудошуда, яку якбора нею, бо пайдар пайии муайян (яъне, аз охирҳои моҳи феврал то охирҳои моҳи апрел) ба роҳ мандан манфиатбахш аст, зеро, ки ин хароҷотҳои корхонаи шакаристеҳсолкунандаро барои нигаҳдориии ашёи хом кам мегардонад. Ба ғайр аз ин истифодаи заминҳои муваққатан бекор (то кишти лаблабуи қанд) барои кишти зигар зироатҳо истифода шуданаш мумкин (ин муаммои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ). Дуюм, қанднокии (ширинии) лаблабуи ба муҳлати истодани лаблабуи қанди пухта расида дар замин мутаносиби роста дорад. Албатта ин муҳлат беохир набуда, як муҳлати муайян, ки дар он қанднокии лаблабуи қанд то 22 % мерасад (калонтарин ҳиссаи қанднокии лаблабу).

Барои гирифтани 10 тонна лаблабуи қанд лӯндаҳои ҳатман аз замин 60 кг нитроген, 20 кг фосфор, 70 кг калийро ҷабида мегирад. Барои гирифтани 50 тонна лаблабу аз як гектар мебояд, ки 300 - 350 кг нуриҳои нитрогенӣ, 100 кг фосфор, 300 – 350 кг калий ва ё 20 – 30 тонна поруи чорво истифода бурда мешавад. Ҳар 100 кг нуриҳои менерали ва ё органикӣ метавонад 1 тонна лаблабуи қандӣ ҳосил намоянд. Дар ҳолати итифодабарии нариҳои органикӣ (масалан пору) метавонад 50 дарсад нуриҳои минералиро кам намояд. Бояд дар назар дошт, ки додани нуриҳо низ мувофиқи фармоишҳои аграномҳо ва вақтҳои муайяни вақт истифода карда шаванд [5]. Натиҷахои таҳлил ва тадқиқотҳо оид ба хароҷотҳои ҳоҷагиҳое, ки лаблабуи қанд кишт мекунанд дар ҷадвали 3 оварда шуданд.

**Ҷадвали 3. - Ҳиссаи заминҳои ноҳияҳо барои кишту кори лаблабуи қанди лозима барои фаъолияти як корхона** (Ба ҳисоби гектар)

| № | Номгӯи ноҳияҳои | Заминҳои категорияи кишоварзӣ дошта | Миқдори замини кишт барои лаблабуи қанд | Ҳиссаи замини ноҳияҳо барои кишту лаблабуи қанд | Миқдори истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз ноҳияҳои муайянгардида |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Данғара | 40 360 | 5658 га | 41,4% | 14,01% |
| 2 | Восеъ | 26 856 | 4000 га | 29,3% | 14,9% |
| 3 | Фархор | 27 756 | 4 000 га | 29,3% | 14,41% |
| | **Ҳамагӣ** | **94 972** | **13 658** | **100%** | **14,44%** |

***Сарчашма**: ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2020 тартиб дода шуда аст.*

Дар ҷадвали 4 дида мешавад, ки ҳароҷоти аз ҳама зиёд дар ҷараёни кишту кори лаблабу ва ҷамъоварии ҳосили он барои тухмии лаблабу сарф мешуда аст.

**Ҷадвали 4. - Хароҷотҳо барои як гектар лаблабузор (бо нархҳои соли 2019)**

| № | Номгӯи хароҷотҳо | Арзиши як воҳид бо сомони | Миқдор | Арзиши умуми сомони | Ҳамагӣ хароҷотҳо дар сохтори умуми, % |
|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | Шудгори замин | 400 с | 1 | 400 | 3,397 |
| **2.** | Захрдору барои тухмӣ | 100 с | 0,125 гм | 12 | 0,102 |
| **3.** | Тухмӣ | 100 с | 26 кг | 2 600 | 22,08 |
| **4.** | Нармкунӣ | 200 с | 4 маротиб | 800 | 6,79 |
| | Ҷамъ | | | 3 812 | |
| **Нуриҳои минералӣ ва хароҷотҳои он дар давраи пурраи нашъунамо** | | | | | |
| **5.** | Нитро Амофс | 4 с | 205 кг | 820 | 10,44 |
| **6.** | Калий | 3 с | 250 кг | 750 | 6,369 |
| | Ҷамъ | | | 1570 | |
| **Додани ғизо, захрхимикатҳо ва кашидани ҷуякҳо** | | | | | |
| **7.** | Хароҷоти додани ғизо | | | 300 | 2,548 |
| **8.** | Зелок | 100 с | 4 л | 400 | 3,397 |
| **9** | Захрдорҳо барои ба касалиҳо дучор нашудан | 90 с | 7 л | 630 | 5,35 |
| **10** | Хароҷоти дорӯзанӣ | 200 с | 3 навъ | 600 | 5,095 |
| | Ҷамъ | | | 1930 | |
| **Андозҳо** | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **11** | Шартнома барои об | 200 с | 1 бор | 200 | 1,698 |
| **12** | Андози ягона | 203 с | 1 бор | 203 | 1,724 |
| **13** | Фонди нафақа | 150 с | 1 бор | 150 | 1,274 |
| **14** | Музди як нафар коргар | 400 с | 6 моҳ | 2400 | 15,287 |
| | Ҷамъ | | | 2953 | |
| | **Ҷамоварӣ** | | | | |
| **15** | Камбайн барои ҷамъоварӣ | 700 с | 1 бор | 700 | 5,945 |
| **16** | Хароҷотҳои ғайк пешбининашуда | | | 1000 | 8,492 |
| | Ҷамъ | | | 1700 | |
| | **Маблағи умуми дар маҷмӯъ то ҷамъоварӣ ҳосил** | | | **11 986** | **100** |

***Сарчашма: дар асоси тадқиқотҳои худи муаллиф.***

Танҳо дар ин ҷадвал андози иҷтимоӣ ва андоз аз фоида ҳисоб нагардидааст, ки аз маблағи умумии музди маош 24 сомонӣ андози иҷтимоӣ ва 1850 сомонӣ андози содакардашуда (мувофиқи Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро ташкил медиҳад.

Дар ин ҳолат хараҷот барои ҳосил кардани 50 тонна лаблабуи қанд дар як га 13 860 сомониро ташкил медиҳад (агар давлат ин андозро барои хоҷагиҳои деҳқонӣ озод нанамояд).

Барои ҳамин, яне аз муаммоҳои асосӣ барои хоҷагиҳои лаблабу кишт мекарда, ин дарётфи роҳҳо ва имкониятҳои кам намудани ин намуд хароҷот мебошад.

Инчунин, дар ҷадвал хароҷотҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ баъди ба ҷаъмоварӣ бурда расонидани лаблабуи қанд дида намешавад, зеро ки ин ҷараён аз ҳисоби корхонаи истеҳсоли шакар ба амал бароварда мешавад ва умуман дар ҳолати заминҳои кишти лаблабу ба корхонаҳои истеҳсоли шакар вобаста карда шавад, ин масъала ҳалли беҳтарини худро меёфт.

Дар ҷадвали 3 хароҷотҳо оид ба кишту кори лаблабуи қанд барои 1 гектар замин бо дарназардошти рӯёнидани 500 сентнер ҳосил оварда шуданд. Дар ин ҳолат арзиши истеҳсолии лаблабу (13 860/50000 кг) = 0,27 сомонӣ, яъне арзиши истеҳсолии 1кг лаблабуи қанд. Аммо дар ҳолати дастгирӣ намудани Ҳукумати ҷумҳури барои хоҷагиҳои деҳқонии истеҳсоли лаблабуи қанд арзиши истеҳсолии лаблабуи қанд ба 23,55 дирам баробар мегардад (нигаред ба рақамҳои ҷадвали 1). Барои корхонаи истеҳсоли шакар бо истифодаи лаблабуи қанд харидани лаблабу аз 75 дирам боло бошад, истеҳсоли шакар ғайрисамаранок ҳисобида мешавад. Бо дарназардошти ҳамин нархи хариди лаблабуи қанд аз тарафи корхонаи истеҳсоли шакар дар интервали аз 24 то 75 бояд шавад.

Бояд таъкид намуд, ки мо танҳо миқдори заминҳои зарурииро барои кишту кори лаблабуи қанд бо мақсади таъмини корхонаи истеҳсоли шакар бо ашёи хоми маҳалӣ ишора намудем. Аммо ин заминҳо дар ноҳияҳои номбаршуда аз ҳисоби кам кардани кадом заминҳо таъмин карда шуданаш мумкин - ин масъалаи глаболи аст ва ин мумкин аст, ки бе дахолати давлат ҳалли худро наёбад. Дар ин ҷода бо ақидаи мо се роҳи алоҳидаи, бо ҳам новобаста имконпазир мавҷуд аст:

1. Давлат аз ҳисоби заминҳои ҳоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳо, хоҷагии нави парвариши лаблабуи қанд ташкил медиҳад. Дар ин холат сертификатҳои истифодаи замини онҳо аз эътибор соқит дониста шуда, ба онҳо ё сертификати нави ройгон дода мешавад, ва ё ба ҷои заминҳои гирифта шуда заминҳои дигар дода мешавад;
2. Бо хоҷагиҳо корҳои фаҳмондадеҳӣ тавре бурда мешавад, ки онҳо куллан дарк кунанд, ки кишту кори лаблабуи қанд дар заминҳои худ нисбат ба дигар зироатҳо хеле самаранок мебошад: а) харидори доимии пардохтпазир мавҷуд аст (корхонаи истеҳсоли шакар); б) фоидаи нисбатан калон ба даст овардан мумкин аст.
3. Дар ҳолати дар заминҳои худ лаблубуи қанд коштан ва корхонаи истеҳсоли шакарро бо ашё хом таъмин намудан ба онҳо дар хариди шакар ва хӯрокаи чорвое, ки дар корхона истеҳсол карда мешаванд (нархи ин махсулот дар назар дошта мешаванд) имтиёзҳо дода мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои зербанди мазкур овардан мумкин аст:

1. Дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи истеҳсоли шакарро аз лаблабуи қанд ба роҳ мондан мумкин аст, махсусан бо мақсади таъсир ба нархи шакар дар бозори дохилаи истеъмолӣ. Шароити иқлимӣ ва географии ноҳияҳои вилояти Хатлон барои истеҳсоли самараноки лаблабуи қанд мутобиқ аст;
2. Бо мақсади ноил шудан ба фаъолияти самараноки корхонаи истеҳсоли шакар ақалан дар 6 моҳи соли тақвимӣ, ин корхона бо лаблабуи қанд бояд таъмин бошад;
3. Корхонаи истеҳсоли шакарро дар минтақаи озодӣ иқтисодии ноҳияи Данғара сохта ба истифода додан аз фоида холи нест зеро, ки ду нохияҳои дигар ва замнҳои кишти лаблабуи худи ноҳияи Данғара дар атрофи корхона ҷойгир аст (дар ҳудуди 50-60 км);

4. Барои гирифтани ин ҳосили зарурии лаблабуи қанд дар се ноҳияи вилояти Хатлон (Данғара, Фархор ва Восеъ) 13,5 ҳазор гектар замини обии корам кифоя аст. Барои таъмини пурраи (100 %) бо ашёи хом – лаблабуи қанд боз 13,5 ҳазор гектар заминро аз ноҳияҳои на чандон дур аз ноҳияи Данғара – ноҳияҳои Темурмалик, Балҷувон ва Муминобод ҷудо намудан мумкин аст. Дар ин ҳолат як корхонаи истеҳсоли шакарро бо истифодаи лаблабуи қанди дар нохияи Данғара бударо пуррагӣ дар давоми сол бо ашёи хом таъмин кардан мумкин аст ва ин самараноктарини фаъолияти корхонаро таъмин мекунад. Барои пурра бо шакар таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бе воридоти он) дар худуди вилояти Хатлон, аниқтараш дар ноҳияи Ҷалолидини Румӣ боз як корхона истеҳсоли шакар бояд сохта шавад ва ин корхонаро бо лаблабуи қанд бо истифодаи қисми қитаъи заминҳои ноҳияҳои Вахш, Ҷалолидини Румӣ, Дусти ва Ҷайхун таъмин намудан мумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2020.
2. “Большая энциклопедия народной медициний”. ООО Издательство «эксмо», 2005. - 867 С.
3. Мухаббатов Х. «Табиат гавхари инсон (Природа жемчужица человека) Душанбе, 2018. - 319 С.
4. Растаниводства с асновами селекции и семенаводства/ Г.В. Коренев., П.И. Подгорный., С.Н. Щербак.; Под редакцией Г.В. Коренева. – 3-е изд., и доп. – М.: Агропромиздат, 1990. – 575 с.- С 331,392,393.
5. Сардоров М. Ё.// Истеҳсоли хӯроки чорво. Душанбе “Маориф ва фарҳанг” 2008. – С.382 – 383.


## АННОТАЦИЯ

## ВОЗМОЖНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА САХАРА ИЗ САХАРНОЙ СВЁКЛЫ И ДОПОЛНИТЕЛЬНОЙ ПРОДУКЦИИ ИЗ НЕЕ


В статье рассматривается возможности производства сахара с использованием сахарной свёклы местного производства. При этом, изучаются возможности выращивания сахарной свёклы в Хатлонской области Республики Таджикистан. Выделены и анализированы различные виды свёклы, основные и дополнительные продукции их переработки, включая корм для скота. Приведеные результаты экспериментов автора, доказывают высокого производительность сахарной свёклы, выращиваемых в регионах Хатлонской области, наличие относительно высокого содержания сахара. Также доказано преимущество производства сахарной свёклы в дехканских хозяйствах, в сравнении с другими культурами.



***Ключевые слова:*** *сахар, сырьё, сахарная свекла, производство, потребление сахара, импорт, экспорт, импортозамещение, корм скота, сахарное сырьё, переработка, логистика.*


## ANNOTATION

## POSSIBILITIES OF PRODUCING SUGAR FROM SUGAR BEET AND ADDITIONAL PRODUCTS FROMIT


The article discusses the possibility of sugar production using locally produced sugar beets. At the same time, the possibilities of growing sugar beets in Khatlon region of the Republic of Tajikistan are being studied. Various types of beets, main and additional products of their processing, including fodder for livestock, have been identified and analyzed. The results of the author's experiments are presented, which prove the high productivity of sugar beets grown in the regions of Khatlon region, the relatively high sugar content in it. It also noted the advantages of sowing sugar beet in dekhkan farms in comparison with other crops.



***Key words:*** *sugar, raw materials, sugar beet, production, sugar consumption, import, export, import substitution, livestock feed, sugar raw materials, processing, logistics.*


**Сведения об авторах:**


Рустамджон Сайдуллои Кузратзода, старший преподаватель кафедры теория экономики и развития туризма Дангаринского государственного университета, тел.: 901 31 38 68.

Ашуров Ихтиёр Саидович, д.э.н., профессор кафедры финансов и кредита Российско-Таджикского (Славянского) университета, тел.: 905 55 77 88.

Шукуров Азамат Рустамович, асситент кафедры теория экономики и развития туризма Дангаринского государственного университета, тел.: 558 000 500.

Ибрагимзоде Ибрагим Шох, асситент кафедры теория экономики и развития туризма Дангаринского государственного университета, тел.: 900 22 22 51.